«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х._____

«16» 01 _____ соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола

ва маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ғоратгарӣ ироа гардидааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) муаллиф дар рафти таҳлил муайян кардааст, ки сабабу шароите, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ ва инфиродии тарбиявӣ иборат мебошанд. Ин мушкилотро рисоланавис бо он асоснок кардааст, ки вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, тахрифи шуури ҳуқуқӣ ва ғайра). Аммо омилҳои инфиродии тарбиявӣ (ҳолати руҳӣ дар оила, майзадагӣ, нашъамандӣ, тарзи ҳаёти паразитӣ) ба шахсияти ҷиноятқори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бо ин мақсад диссертант сабабҳои содир намудани ғоратгариро ба тариқи зайл пешниҳод намудааст: «Сабабҳои содир намудани ғоратгарӣ: ташаккули ангезаҳои ғаразнок дар муҳити оилавӣ, дар ҷойи кор ва таҳсил; ташаккул ва паҳн намудани психологияи ашёпарастӣ, пулпарастӣ, тамаъкорӣ; деформатсияи манфиатҳои маишӣ, талаботҳо, одатҳое, ки дар майл доштан ба майзадагӣ, нашъамандӣ, қиморбозӣ зоҳир мегарданд ва натиҷаи ин таназзули шахсият мебошад; муҳити зӯроварӣ; дараҷаи пасти маданият ва шуури ҳуқуқии шахсоне мебошанд, ки ҷиноятҳои ғаразнокро содир намудаанд (саҳ.14).

б) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ объект, аломатҳои объективӣ, субъект ва аломатҳои субъективии ғоратгариро мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи таркиби

ҷиноят андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамзамон, пешниҳод намудааст, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конституцияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯй) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Вобаста ба ин ҳолат, пешниҳод карда мешавад, ки қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастҷамъӣ новобастаи андозаи молу мулки тасарруфшуда муқаррар карда шавад (саҳ.15).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки тахқиқбаранда дар халли масъалаҳои илмии вобаста ба ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо он муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин бори аввал масъалаи батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгари барои содиршавии он дар марҳилаҳои

гуногуни таърихи ҶТ инъикос гардидааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, бори аввал дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷи он вобаста ба масъалаҳои ғоратгарӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Дар рисолаи илмӣ вазъи ҷиноят ва ҷиноятқорӣ дар бораи ғоратгарӣ таҳлил гардидааст.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ғоратгариро дар бар мегирад.

Натиҷаи таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ равона гардидааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳия гардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ғоратгарӣ, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бандубасти ҷиноятҳо, дар фаъолияти қонунгузории комитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти бар зидди ғоратгарӣ муборизабаранда, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо, самаранок истифода шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

– дар пешниҳоди хусусияти амалӣ дошта муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ тахти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» илова ворид карда шуда, дар он маҳз кадом молу мулк ба сифати предмети тасарруф баромад карда метавонад, муайян карда шавад. Муаллиф бар он ишора намудааст, ки «Предмети тасарруф молу мулки ғайр эътироф мешавад, ва зери он молу мулке фаҳмида мешавад, ки дар моликият ё соҳибии қонунии гунаҳгор қарор надорад. Молу мулки ғайриманқули шахси дигар мумкин аст предмети тасарруф эътироф шавад, танҳо дар ҳолатҳое ки ҷойивазнамоии он дар фазо бе зиён ба таъиноти он амалӣ шавад»;

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди ғоратгарии молу мулки шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта муқаррар карда шавад. Дар ин раванд муаллиф низ дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва истифода аз амалияи пешниҳод менамояд, ки ин сабаб имконияти онҳо барои ҳифз намудани моликияти худ маҳдуд намуда, чунин ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғоратгариро зиёд мегардонад (сах.15);

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран бандубаст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро ҳамон як кирдори содир намудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». (сах.16-17). Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани

шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад;

– дигар афзалияти таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз он иборат аст, ки дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» илова ворид карда шуда, дар он маҳз кадом молу мулк ба сифати предмети тасарруф баромад карда метавонад, муайян карда шавад (саҳ. 17).

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад (саҳ.17).

Аз ин рӯ, сабаби асосии ворид намудани чунин тағйиру иловаҳо пурра дар диссертатсия инъикос наёфта, вобаста ба масъалаи мазкур шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

2. Дар соҳаи пешгирии ғоратгарӣ мушкилиҳои зиёд низ ҷой доранд, аз ҷумла то ҳадди кофӣ маълум нест, ки системаи пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ бояд чӣ тавр бошад. Бинобар ин, фаъолияти сохторҳои

давлатӣ, бахусус фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти пешгирии ғоратгарӣ таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаро тақозо менамояд (саҳ. 7).

Аз муаллиф хоҳиш талаб карда мешавад, ки мушкилотҳои асосии самти пешгирии ҷинояти ғоратгариро ба аъзоёни Шурои диссертатсионӣ мерасонид.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. **Мирзоев Қобилҷон Холмуродович** муаллифи 12 маводи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 8 мақола дар дигар журналҳо мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» бахшида шудаанд. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Бахусус дар конфронси байналмилалӣ бахшида ба 20–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ» дар мавзуи «Ғоратгарӣ ҳамчун як шакли тасарруф» (Душанбе, 2018), «Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25–солагии қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70–солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар мавзуи «Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарии молу мулки ғайр» (Душанбе, 2019) ва монанди инҳо.

Мувофиқати автореферат ба мухтавоии диссертатсия. Автореферат ба мухтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Мирзоев Қ.Х. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Мирзоев Қ.Х. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №4 аз 23 декабри соли 2022.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Гайратов Тимуршо Муборакшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра мухокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натичаи овоздихӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №6 аз 14 январи соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назарияви,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н.

Имзои Алиев Ф.Ш., Гайратов Т.М.
ва Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи дехоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru. 14.01.2023